# ПРОТОКОЛИ №81
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019

**22 ноябри соли 2025** **ш. Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро, 15 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд) тасдиқ гардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзад аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимояи такрори иҷозат додани диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви Шурои диссертатсионӣ Абдуҳамитов В.А., ва аъзоёни комиссия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои шуро Шарипов Т.Ш., ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Холиқзода Ш.Л. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи такрории мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, шунида баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Қурбонзода Афзуна Азим дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси

12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳукуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимояи такрори қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Азиззода Убайдулло Абдулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

– **Сафарзода Ҳаёт Саидамир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини амнияти Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсияи такрори дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 15 нафар, муқобил-нест, бетараф-нест. Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**